**Тақриз**

**ба диссертатсияи Маҷидзода Баҳринисо Маҳмадҷон дар мавзуи “Вижагиҳои маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар “Тибби Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.1. – Забони тоҷикӣ. -Душанбе, 2026.**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар замони соҳибистиқлолии кишвар забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ гирифта, аз нав рушду нумуъ намуд. Осори илмии зиёди ниёгонамон, ки дар замони ҳукмронии арабҳо бо забони арабӣ таълиф гардида буд, дар ин замина ба забони тоҷикӣ баргардон шуданд ва дастраси хонандагон гардиданд.

Имрӯз месазад, ки ҳамҷониба мероси хатии ниёгонамон чи аз лиҳози забону услуб, чи аз лиҳози сохти сарфию наҳвӣ ва истилоҳнигорӣ мавриди пажуҳиш қарор гирад. Яке аз масъалаҳои мубрам ва баҳсталаб дар забоншиносии муосир омузишу пажуҳиши истилоҳоти илмии миллӣ ва вижагиҳои он дар асоси маводи осори илмии ниёгонамон ба шумор меравад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия** дар он зоҳир мегардад, ки истилоҳоти соҳаи тиб дар “Тибби Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ ҷойгоҳи махсус дошта, бори аввал дар асоси маводи “Тибби Мансурӣ” мавриди таҳқиқи кори диссертатсионӣ қарор гирифтааст. Ин аст, ки таҳқиқи вижагиҳои маъноӣ, сохторӣ, таснифоти мавзуӣ ва забонии истилоҳоти тиббиро дар асоси маводи «Тибби Мансурӣ» мубрам мешуморем.

**Навгониҳои илмии таҳқиқоти** кори диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки бори нахуст вожаю истилоҳоти тиббӣ дар асоси маводи «Тибби Мансурӣ»-и Закариёи Розӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, хусусиятҳои вожагонию маъноӣ ва калимасозии қабати мазкур мавриди таҳлилу баррасии илмӣ қарор гирифтааст. Диққати асосӣ ба вижагиҳои маъноӣ, сохтории ин қабати лексика, таснифоту танзими вожаю истилоҳоти тиббӣ равона гардидааст.

Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда дар чор банд танзим шудаанд, ки муҳтавои асосии кори диссертатсиониро дар бар мегиранд. Мақсади асосии кори диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки хусусиятҳои вожагонию маъноӣ ва сохтории вожаю истилоҳоти тиббӣ

дар «Тибби Мансурӣ»-и Закариёи Розӣ  ба таври васеъ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор гирифтааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо он собит мешавад, ки муаллифи диссертатсия аз осори марбут ба мавзуъ пурра огоҳ аст, онҳоро мутобиқи мақсаду вазифаҳои дар назди худ гузошта истифода кардааст, ки барои баррасии хусусиятҳои луғавию маънӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ эътимоднок буда, барои хулосабарориҳо ва натиҷагириҳои илмӣ мусоидат мекунанд. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ боз дар он зоҳир мегардад, ки дар он маълумоти илмии дақиқ ва маводи мушаххиси забонӣ аз «Тибби Мансурӣ»-и Закариёи Розӣ  ба риштаи таҳқиқ кашида мешавад. Дар таҳқиқот мутобиқати ҳаҷми маводи пешниҳодшуда, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, миқдори таълифот ва интихоби усулҳои муносиби таҳқиқ ба мушоҳида мерасад.

**Дар хулосаи** диссертатсия Маҷидзода Баҳринисо Маҳмадҷон дастовардҳои таҳқиқро ба таври илман асоснок натиҷагирӣ намуда, муҳимтарин ва асоситарин андешаҳояшро дар 17 банд таҳия кардааст. Дар фасли тавсияҳо, ки аз 4 банд иборат аст, асоситарин масоилро ҷиҳати корбурди натиҷаҳои кори диссертатсионӣ дар таълиму таҳқиқ нишон дода, дурнамои корбурди натиҷаҳои таҳқиқро пешниҳод мекунад.

**Аҳаммияти назариявии** диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки диссертант зимни таҳқиқи вижагиҳои маъноиву сохторӣ, баромади забонӣ ва таснифоти мавзуӣ аз дастовардҳои назариявии олимони соҳа бархурдор шуда, дар асоси онҳо андешаҳои илмии худро пешниҳод кардааст, ки дар такмили масоили назариявӣ доир ба истилоҳшиносӣ, истилоҳнигорӣ мусоидат мекунанд.

**Аҳаммияти амалии** кори диссертатсионии баррасишаванда он аст, ки натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар таълими фанҳои лексикология, калимасозӣ, истилоҳшиносӣ, истилоҳгузинӣ ва таҳияии дастурҳои таълимӣ,  фарҳангҳои тахассусӣ истифода мешаванд.

Довталаби дараҷаи илмӣ перомуни кори диссертатсия 10 мақолаи илмӣ таълиф кардааст, ки аз он 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 мақола дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд. Маводи ба табъ расида мазмуни асосии таҳқиқотро инъикос карда, саҳми шахсии диссертантро нишон медиҳад.

Мувофиқи мақсади асосӣ, муаллифи диссертатсия сохтори кореро интихоб мекунад, ки ба ҳалли вазифаҳои дар назди ӯ гузошташуда мувофиқат мекунад. Дар робита ба ин, сохтори таҳқиқот мантиқӣ ба назар мерасад, ки аз муқаддима, се боби калони ба ҳам алоқаманд, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои диссертатсия, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва феҳрасти адабиёт иборат аст.

Дар муқаддимаи диссертатсия аҳаммияти мавзуъ, дараҷаи таҳияи мушкилот, ҳадафҳо ва вазифаҳои таҳқиқот, асосҳои методологӣ ва усулҳои тадқиқот, навоварии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии кор, манбаъҳои таҳқиқот, муқаррароти асосии барои ҳимоя пешниҳодшуда ва дигар масъалаҳои анъанавӣ асоснок карда мешаванд.

Боби якум **«Масъалаҳои омузиши истилоҳоти тиббӣ дар забоншиносӣ»** унвон дошта, аз чор фасл иборат аст. Фасли якум « Масъалаҳои назарии таҳқиқи истилоҳоти илмӣ дар забоншиносӣ» унвон дошта, доир ба истилоҳшиносӣ, омилҳо, заминаҳои бавуҷудоии истилоҳоти илмӣ, тафовути истилоҳ аз калимаҳои маъмули забон, аломату хусусиятҳои истилоҳ баҳс мекунад. Дар ин фасл муҳаққиқ сайри таърихӣ намуда,адабиёти марбут ба истилоҳотро омӯхта, андешаҳои шахсии хешро дар масъалаи мазкур баён намудааст.

Фасли дувум **«Омӯзиш ва баррасии истилоҳоти тиббӣ дар забони тоҷикӣ»** ном дошта, дар ин фасл пажуҳиши донишмандону муҳаққиқони ватаниро роҷеъ ба истилоҳоти тиббӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муҳаққиқ маводи фаровонеро дар асоси сарчашмаву фарҳангҳо маънидод карда, ҷойгоҳи онҳоро дар асар нишон додааст.

Фасли сеюм **« Саҳми Закариёи Розӣ дар ташаккули истилоҳоти илмӣ»** унвон дорад. Дар ин фасл муҳаққиқ ҷойгоҳи ин донишманд, энсиклопедистро дар ташаккули истилоҳоти илмӣ, илми кимиё ва тиб арзёбӣ намуда, таъкид мекунад, ки “бори аввал дар Бағдод шифохона” аз ҷониби Закариёи Розӣ таъсис дода шудааст.

Дар фасли чорум **«“Тибби Мансурӣ “-и Закариёи Розӣ ҳамчун асари энсиклопедӣ»** асари “Тибби Мансурӣ” аз лиҳози мавзуъ ва муҳтаво мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Боби дуюми рисола **«Вижагиҳои маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар “Тибби Мансурӣ”-и Закариёи розӣ»** ном дошта, аз панҷ фасл ва зерфаслҳо иборат аст.

Фасли якум «Матолиби муқаддамотӣ» унвон дошта, доир ба масъалаҳои назариявии калимасозӣ ва истилоҳсозӣ дар забоншиносӣ

бахшида шудааст. Фасли дуюми боби мазкур « **Сохтори истилоҳоти тиббӣ дар “Тибби Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ** » унвон дошта, аз чор зербоб иборат аст. Дар зербоби якум «Истилоҳоти сода» муҳаққиқ истилоҳоти сохтаро аз лиҳози мавзуъ тасниф намуда, ба риштаи таҳқиқ кашидааст, ки ҷолиб мебошад. Дар зерфасли **«Истилоҳоти сохта»** он маводе мавриди баррасӣ қарор гифтааст, тавассути вандҳои калимасозӣ сохта шудаанд. Муҳаққиқ ин навъии истилоҳотро барои боз ҳам мушаххастар тавзеҳ додан онҳо бо зерфаслҳои ҷудогона “**Бо пешвандҳо сохта шудани истилоҳоти тиббӣ**” ва “**Бо пасвандҳо сохта шудани истилоҳоти тиббӣ**” тасниф намуда, ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Муҳаққиқ дар ин қисмати кор нақши пасвандҳои калимасози -а , -анда, -бон, -гар, -она, -ӣ/гӣ, -дон, иш-ро дар сохтани истилоҳоти тиббӣ бо мисолҳои фаровон ба қалам додааст.

Фасли сеюми боби дуюм « **Истилоҳоти мураккаб** » номгузорӣ шуда, муҳаққиқ ин навъи истилоҳоти тиббиро ба се зерфасл тасниф намуда, ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Дар зерфасли якум “**Истилоҳоти мураккаби пайваст**” қолабҳои сохта шудани ин навъи истилоҳот муайян гардида, бо мисоли фаровон баррасӣ шудааст.

Зерфасли дуюми ин фасл «**Истилоҳоти мураккаби тобеъ»** унвон дошта, истилоҳоти мураккаби ин бахш аз лиҳози мавзуъ ва семантика тасниф ва баррасӣ шудааст. Истилоҳоти мураккаби тобеъ аз ҷиҳати таркиби морфологӣ дар ин фасл ба 10 қолаб гурӯҳбандӣ ва таҳлил гардидааст, ки ҷолиб мебошад.

Муҳаққиқ истилоҳоти мураккаби тобеъро сеҷузъа ва бисёрҷузъа ҷудо намуда, ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Дар зерфасли “**2. 2.3.3. Истилоҳоти мураккаби пасванддор**” қайд мекунад, “ин навъи сохта шудани истилоҳоти мураккаб ду даври калимасозиро аз сар гузаронидааст. Аввал аз ду ва ё се реша сохтани калимаи мураккаб, дувум бо васл шудани пасванд калимаи нав сохта шудааст. Дар сохтани чунин навъи истилоҳоти тиббӣ на ҳамаи пасвандҳо иштирок мекунанд. Дар сохтани ин навъи истилоҳоти мураккаб пасвандҳои -ӣ//-гӣ, -гар, -а иштирок кардаанд”.

Муҳаққиқ истилоҳоти мураккаби тобеъи пасванддоро дар чордаҳ қолаб тасниф намуда, маводи фаровонеро таҳлил ва баррасӣ намудааст.

Фасли сеюми боби сеюм «Истилоҳоти мураккаби омехта» ном доранд. Дар ин бахши кор истилоҳоти мураккаби омехта ва роҳу воситаҳои сохта шудани онҳо нишон дода шуда, барои тақвияти андешаҳояш муҳаққиқ маводи фаровонро таҳлил намудааст.

Фасли чоруми боби сеюм “**Ибораистилоҳҳои тиббӣ дар “Тибби Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ**” номгузорӣ шуда, ин навъи истилоҳот аз ҷиҳати таркиби морфологӣ, воситаи алоқаи грамматикӣ, ҷузъҳо гурӯҳбанӣ ва баррасӣ шудааст. Муҳаққиқ ибораистилоҳҳои тиббие, ки бо ёрии алоқаи изофӣ сохта шуда, аз рӯйи ҷузъҳояшон чунин қолабҳо: исм+исм, исм+сифат, сифати феълӣ-исм, исм+сифати феълӣ, сифат+исм, феъл+исм ва ғайра тасниф намудааст.

Дар фасли панҷум “**Мавқеи калимаҳои хосса дар ташкили ибораистилоҳҳои тиббӣ дар “Тибби Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ”** ибораистилоҳоти тиббие мавриди пажуҳиш қарор гирифтаанд, ки дар созмони онҳо калимаҳои ҷудогона нақши муҳим доранд. Муҳаққиқ дар ин фасл калимаҳои ҷудогонаро дар сохтани истилоҳоти тиббӣ баррасӣ намуда, аз усули оморӣ истифода кардааст. Чунончи, бо вожаи бемор 63 ибораистилоҳи тиббӣ, бо вожаи дард 33 ибораистилоҳи тиббӣ, бо вожаи нишона 84 ибораистилоҳи тиббӣ сохта шудааст.

Боби сеюм “**Истилоҳоти иқтибосии тиббӣ дар “Тибби Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ”** унвон дошта, аз ду фасл ва се зерфасл иборат аст.

Дар фасли **“**Вожаҳо ва истилоҳҳои тиббии тоҷикӣ дар “Тибби Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ**”** муҳаққиқ он истилоҳотеро ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Муҳаққиқ қайд мекунад, ки “калимаҳои решагии забон заминаи асосии ташаккули забони илм, яъне истилоҳоти илмӣ ба шумор рафта, дар густариши истилоҳоти тиббии тоҷик мақоми хосеро ишғол мекунанд. Истилоҳоти тиббии суннатии халқи тоҷикро истилоҳоти решагӣ ташкил медиҳанд, ки дар асоси онҳо истилоҳоти сохтаву мураккаб ва истилоҳиборaҳо офарида шудаанд.”

Фасли дуюм “**Истилоҳҳои иқтибосии тиббӣ дар “Тибби Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ**” ном дошта, аз се зерфасл иборат аст. Зерфасли якум “**Истилоҳҳои тиббии юнонӣ**” ном дорад. Муҳаққиқ дуруст қайд кардааст, дар ташаккули истилоҳоти тиббӣ забони юнонӣ нақши муҳим дорад ва он ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ дар замони Сосониён дар Академияи Гунди Шопур истилоҳоти зиёди тиббӣ ба таркиби луғавии забони форсии миёна роҳ ёфта, то имрӯз давом дорад.

Зерфасли дуюм “**Истилоҳҳои тиббии ҳиндӣ**” ба корбурди истилоҳоти тибии ҳиндӣ дар асар бахшида шуда, маводи зиёде мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар зерфасли сеюм “**Истилоҳҳои тиббии арабӣ**” истилоҳоти тиббии арабӣ аз лиҳози маъно ва мавзуъ тасниф ва таҳлил гардидааст. Аз сабаби

он ки ин асар бо забони арабӣ таълиф шудааст, истилоҳоти арабӣ ҷойгоҳи хосеро ишғол мекунад.

Муҳаққиқ натиҷаи пажуҳиши хешро дар 17 банд натиҷагирӣ намудааст.

Ба андешаи мо, омӯзиши истилоҳоти тиббӣ дар забони тоҷикӣ дар асоси маводи "Тибби Мансурӣ"-и Закариёи Розӣ муҳим ва саривақтист ва он барои таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ дар ин самт мебошад. Кори диссертатсионӣ бо забони сода, равон, илмӣ навишта ва тартиб дода шуда, ҳадаф ва вазифаҳои гузошташуда ҳал карда шудааст.

Дар баробари муваффақиятҳо дар диссертатсия як қатор камбудиҳо мавҷуданд, ки бартараф кардани онҳо барои таҳқиқоти минбаъдаи муаллиф муфид хоҳад буд:

1. Мавқеи шахсии унвонҷӯ дар робита ба бархе масъадаҳо норӯшан аст. Масалан, дар мавриди мулоҳизаҳои бархе аз муҳаққиқони тоҷик доир ба масъалаи истилоҳоти тиббӣ унвонҷӯ андешаҳои донишмандонро меорад, вале мавқеи худро дар робита ба он равшан наменамояд, дар ҳолате, ки баёни мавзӯъ чӣ розӣ будан ба андешаҳои дигар доишмандон ва чӣ зид будан ба онҳо, арзиши кори илмиро бештар мекунад.
2. Байни вазифаҳои таҳқиқ ва муҳтавои асосии масъалаҳои ба дифоъ пешниҳошаванда як навъ монандӣ дида мешавад.
3. Дар диссертатсия агар басомади истилоҳоти иқтибосӣ дар диаграмма нишон дода мешуд, беҳтар буд.
4. Дар баъзе саҳифаҳо истилоҳоти тиббӣ такроран таҳлил шудааст, масалан "раг задан" (115, 121),
5. Забони диссертатсия ва автореферат равону илмӣ бошад ҳам, гоҳо ҷумлаҳои носуфта дар саҳифаҳои 6, 9, 30, 44, 81 ва ғайра мушоҳида мешавад.

Камбудиҳо ва эродҳои номбаршуда аҳаммияти илмию амалии ин таҳқиқотро коҳиш намедиҳанд ва ҳалли он барои манфиати кор аст.

Мавзуи диссертатсия ва мазмуну муҳтавои он ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.1. – Забони тоҷикӣ таъин шудаанд, комилан мувофиқат мекунад.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва таълифоти илмӣ дар робита ба мавзуи кори диссертатсионӣ ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошанд.

Ба ин васила, диссертатсияи Маҷидзода Баҳринисо Маҳмадҷон дар мавзуи “Вижагиҳои маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар “Тибби Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ” ба талаботи бандҳои 31-35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 6.2.1. – Забони тоҷикӣ мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**
Доктори илмҳои филология,
профессор, муовини директори
филиали Донишгоҳи миллии
таҳқиқотии технологӣ “МИСИС”
дар ш.Душанбе Нозимов А.А.
4 сентябри соли 2026

Суроға: 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, кучаи Назаршоев, 7.
Филиали Донишгоҳи миллии
таҳқиқотии технологӣ “МИСИС”
дар ш.Душанбе.
Почтаи электронӣ: aa.nozimov@mail.ru
Тел.: (+992) 900822882

Имзои д.и.ф., профессор А.А.Нозимовро
тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи кадрҳои
ДМТТ “МИСИС”
дар ш.Душанбе Зарипова М.А.
4 сентябри соли 2026